**Тақриз**

Ба авторефеати Валиев Ҷамшед Абдумаликович дар мавзӯи "Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон".

Таҳқиқоти илмии Валиев. Ҷ.А. ба омузиши хусусиятҳои морфо-билологӣ ҷуворимакка дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ ва офаридани навъу намунаҳои ҷуворимакка бахшида шудааст.

Муҳимияти таҳқиқот дар он мебошад, ки ҷуворимакка ба қатори зироатҳои аввалиндараҷаи хоҷагии қишлоқ медоряд ва парвариши он дар кишти асосӣ ва такрорӣ барои хоҷагии халқ муҳим буда, дорои самаранокии баланди иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши хусусиятҳои морфорлогиву биологӣ, интихоби намунаҳои ояндадор ва офаридани навъҳои серҳосилу ба иқлим тобовари ҷуворимакка мавзӯъи мубрами давр мебошад.

Навгонии таъқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ дар заминҳои обии вилояти Суғд 500 намунаҳои ҷуворимакка тахти омузиш ва баҳодии слексионӣ қарор дода шуда аз байни онҳо намунаҳои серҳосил барои парвариш дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ интохоб шуданд.

Ҳосилнокӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии маъсулнокии навъ ва намунаҳо ба ҳисоб меравад. Унвонҷӯй дар асоси натиҷаҳои таъқиқоти илмӣ исбот намудааст, ки дар китъаи парваришгоҳи омӯзишӣ ҷуворимаккаи намунаҳои Н-16, Н-12, Н-678, н-28 ва Н-34 грифтани ҳосили 74,1 то 80,7 сентнер аз як гектар таъмин намуданд, ки ин нисбат ба навъи назоратии "Зарафшон" аз 6 то 6,4 с/га зиёд мебошад.

Ба таҳқиқотчӣ муясар шуд, ки дар натиҷаи корҳои селексия бо усули интихоби фардии бисёркарата аз намунаи К- 13586 ҷуворимаккаи навъи "Истиқлол" интихоб шавад. Муқоисаи нишондодҳои ҳосилнокии нишон доданд, ки ҳосилнокии ин навъ дар нисбат ба навъи назоратии "Зарафшон" 8,3 с/га зиёдтар аст.

Таҳлилҳои самаранокии иқтисодӣ исбот карданд, ки ҷуворимаккаи навъ ноҳиябандишудаи “Истиқлол”аз руи ин нишондод нисбати навъи назоратии “Зарафшон” балантар буда ба даст овардани 284,2%-и манфиатнокиоро таъмин менамояд.

Муаллиф аз ӯҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар пешмондаи таҳқиқот бомуваффақиятона баромада доир ба мавзӯъи диссертатсия 6 мақолаи илмиро нашр намудааст, ки 4-и аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Автореферат хулосаи аз рӯи диссертатсия бароварда пешниҳод кардаи Валиев Ҷ.А. дар мазӯъи “Хусусиятҳои морфо-биологӣ ва асосҳои селексияи ҷуворимакка дар шароити Шимоли Тоҷикистон”дуруст буда, ба талаботи КАО–назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои доро шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05. –селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад

**Тақриздиҳанда**:
Муовини директор
оид ба илм, таълим ва тайёр кардани
кадрҳои илмии Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ, н. и. к. Толибов А.К.

Ходими пешбари илмии
Институти боғу токпарварӣ ва
сабзавоткории АИКТ, н. и. к Камолов Н.

Имзо ва дараҷаи номзадии Толибов
А.Қ. ва Камолов Н.-ро тасдиқ менамоям:
Нозир доир ба кадрҳои Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ Абдусатторова Н
4.06.2021

Толибов Алиф. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а,
Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории АИКТ
Сомонаи расмӣ: Е – mail: bogparvar@mail.ru.
Тел: 227-08-01, 93 800 90 92.